# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дар мавзуи “Истифодаи шароитҳои психологӣ - педагогӣ дар инкишофи муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050307- Психологияи педагогӣ)**

Рисолаи илмии Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дар мавзуи “Истифодаи шароитҳои психологӣ–педагогӣ дар инкишофи муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D 050307- Психологияи педагогӣ).

Маълум аст, ки ҷаҳонишавии босуръати имрӯза ва дар ин замина рух додани тағиротҳои куллӣ дар тамоми соҳаҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла пайдо шудани тамоюлҳои мухталиф дар муносибатҳои дохиливу байналмилалӣ, масъалаи ташаккули муошırат низ мубрам маҳсуб меёбад. Дараҷаи баланди сатҳу сифати инкишофи муошırат шарти асосии мутобиқшавии инсон ба муҳити иҷтимоӣ ҳисобида мешавад.

Муҳаққиқи ҷавон дар қисмати муқаддимаи рисолаи мазкур мавзуъ, зарурияту сатҳи омӯзиш ва навгониҳоро асоснок гардонида, мақсаду вазифаҳоро дақиқан муайян ва заминаи сарчашмаҳои мавриди омӯзиш қарордоштаро баён ва аҳамияти илмӣ- назариявию амалии корро муқаррар намудааст.

Дар рисолаи мазкур вобаста ба мазмуни таҳқиқот асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии тарбияи одоби муошırат ба сифати ҷузъи таркибию ҳатмии тарбия ва ахлоқ дар муассисаҳои таълимӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва дигар ҳуҷҷатҳо ба таври мушаххас дарҷ гардидаанд.

Зарурати муайян намудани асосҳои назариявию методии инкишофи муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим ва таҳқиқи нокифояи ин масъала аз мубрамияти мавзуи интихобнамудаи муҳаққиқ далолат мекунад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ иборат аст аз омилҳои мазкур муҳаққиқонро ба дарки муайянкунандаҳои асосӣ дар амалияи инкишофи муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ дар ҷараёни таълим, зарурати мавқеъ ва нақши он дар ҷомеа, омӯзиши пурраи фаъолияти нутқи диалогӣ дар сатҳи ҷамъиятиву фардӣ ва ҷустуҷӯи воситаи инкишофи нутқи диалогии

бачагон вазифадор мекунанд. Дар ин асос масъалаи таҳқиқ муайян намудани шароитҳои психологӣ - педагогии инкишофи бомуваффақияти муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим муайян гардидааст.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст.

Бо воситаи боби якум "Асосҳои назариявии хусусиятҳои муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ" муайян карда шудааст, ки муошират ҷараёни мураккабу гуногунҷабҳаи барқарор ва вусъати робитаи байниҳамдигарӣ буда, дар асоси хоҳиши фаъолияти якҷояи онҳо ба вуҷуд омада, мубодилаи афкор, ҳамкорӣ ва дарки ҳамдигарро дар бар мегирад.

Тавре муҳаққиқ таъкид намудааст, муошират тартиби дохилии фаъолияти якҷояи одамонро ташкил медиҳад. Афзоиши нақши муошират ва муҳим будани омӯзиши он ба он ҳам вобаста аст, ки дар ҷомеаи муосир аксар вақт дар муошırати бевосита қарорҳое тахия мешаванд, ки пештар одатан аз тарафи одамони алоҳида қабул карда мешуданд.

Инчунин, дар кор оварда шудааст, ки дар адабиёти муосири психологӣ - педагогӣ муошırати бачагони синни хурди мактабӣ чунин тавсиф дода шудааст: "Муошират таъсиррасонии мутақобилаи ду ва ё якчанд нафар одамоне мебошанд, ки бо мақсади барқарор намудани муносибатҳои мутақобила, ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ ва фаъолияти якҷоя баргузор мегардад. Муошират яке аз омилҳои муҳими инкишофи психикӣ ва иҷтимоии ҳар фард мебошад. Барои бачагони хурдсол муошират ин воситаи аз худ намудани таҷрибаи иҷтимоӣ аст".

Дар боби дуюм – «Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогии инкишофи муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» баён гардидааст, ки фаъолияти таълимӣ дар синфи ибтидоӣ ба фаъолияти пешбаранда табдил ёфта, он муҳимтарин дигаргуниҳоеро, ки дар инкишофи психикаи бачагон дар ин марҳилаи синнусолӣ ба амал меоянд, муайян мекунад. Дар доираи ин фаъолият навовариҳои психологӣ ба вуҷуд меоянд, ки дастовардҳои назаррасро дар инкишофи хонандагон тавсиф мекунанд ва заминае мебошанд, ки инкишофро дар марҳилаи минбаъдаи синну сол таъмин менамоянд.

Дар қисмати озмоиш муҳаққиқ зимни таҳлили сӯҳбатҳо бо хонандагони мактаб, ки баъди анҷоми таҳқиқотҳои озмоишӣ ва машваратҳои психологӣ гузарондааст, дарки амиқтари муошират, муҳим будани он дар мутобиқгардонии муносибатҳои байнишахсӣ, пайдо шудани хоҳиши хонандагон ба худбаҳодиҳии воқеӣ ва рағбат ба худтарбиякунии муошират, инчунин кам шудани қатори яклухти душвориҳо дар ташкили муошıратро ошкор намудааст.

Ба ақидаи муҳаққиқ, вазифаҳои гузошташуда иҷро гардида, инчунин дар ҷараёни таҳқиқи назариявии мавзуи диссертатсия ва озмоиши педагогӣ фарзияҳои таҳқиқот тасдиқ шуданд. Натиҷаҳои ҳосилшудаи назариявию амалиро барои таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои ташаккул ва инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим аз нигоҳи психологӣ истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертант дар маҷаллаҳои эътирофгардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар дигар маҷаллаю маҷмуаҳои махсуси илмӣ ба табъ расидаанд.

Бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки мавзуи интихобнамудаи диссертатсияи Маҷидов Парвизҷон Имомназарович таҳқиқоти мубраму муҳим дар соҳаи психология ҳисобида шуда, муҳаққиқи ҷавон метавонад пажӯҳиши масъалаи интихобнамудаашро минбаъд ба таври васеъ идома диҳад.

Рисола ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D 050307- Психологияи педагогӣ) мебошад.

**Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои педагогӣ,**
**дотсенти кафедраи "Психологияи умумӣ**
**ва педагогӣ"-и ДДОТ ба номи С.Айнӣ** **М. Дадобоева**

**Имзои дотсент Дадобоева М.-ро**
**тасдиқ мекунам.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ** **А.Мустафозода**

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС